**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.**

Нимаи дуюми садаи XIX ва ибтидои асри XX аз даврони бисёр муҳимми адабӣ дар таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин марҳилаи таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва адабӣ тағйироту дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайвастааст. Хусусан, саъю кӯшиши суханварони давр барои роҳандозӣ намудани сабки тозаи адабӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин давра зери таъсиру нуфузи Аҳмади Дониш равшанфикрони зиёде ба майдони адабиёт ворид гардиданд, ки яке аз онҳо Абдулқодирхоҷаи Савдо мутахаллис ба Бепул мебошад. Абдулқодирхоҷаи Савдо бо эҷоди осори мондагору тарғиби ғояҳои пешқадам дар пешрафти адабиёти ин давра саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ ҳарчанд дар эҷоди ғазал ҳунари шоирии хешро ба намоиш гузошта бошад ҳам, вале дар тадовуму таҳаввули навъҳои дигари адабӣ, ҳамчунин, насри классикӣ нақши вофир дорад. Бинобар ин, имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши амиқи илмии ҷараёни зиндагии Савдо, шинохту баҳогузории мероси адабӣ, ба хусус, арзиши адабии «Баёз»-и ин суханвар ва муайян сохтани ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро дар шумори вазифаҳои муҳимми ҳалталаб қарор мегирад. Ба қавли диссертант «дар диссертатсия бори нахуст ба таври мушаххас мазмуну мундариҷа, хусусиятҳои бадеӣ, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазн, ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо аз ҷиҳати забон, сабки баён, ҳунари шоирӣ ва маҳорати эҷодии ӯ таҳқиқ шудааст» (Автореферат, с. 8).

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқии мавриди назар аз муқаддима, се боб, фаслу зерфаслҳои марбут ба мавзуъ, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима нахуст аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Сипас, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии кор ва аҳаммияти назарию амалии он хеле мушаххас ва мутобиқ ба меъёру талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидаанд. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқи довталаби дараҷаи илмиро «Баёз»-и Савдо, ки

тахти рақами 279 дар китобхонаи АИ Ўзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ нигаҳдорӣ мешавад, «Баёз»-и Муҳаммадшарифи Бухороӣ мутахаллис ба Анбар – шоири ҳамзамони Савдо, «Баёз»-и рақами 2293 захираи дастнависҳои Маркази мероси хаттии АМИТ ташкил дода, ба методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ такя карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо» унвон дошта, аз ду фасл у чаҳор зерфасл фароҳам омадааст. Фасли якум «Зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо» ном дошта, зиндагиномаи илмии суханвар зимни таҳқиқи ахбори муаллифони тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ, маълумоти муҳаққиқони муосир ва ишораҳои шарҳиҳолӣ дар ашъори худи шоир муайян карда шудааст. Фасли дуюми боби мазкур мусаммо ба «Мероси адабии шоир» буда, диссертант кӯшиш намудааст, ки мероси адабии Савдоро бо тамоми ҷузъиёташ мавриди баррасиву таҳлил қарор диҳад ва ба ин муваффақ ҳам шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ««Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ» ном дорад ва аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои боби мазкур масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии «Баёз»-и Савдо, сохту таркиби он ва аҳаммияти «Баёз»-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ мавриди баррасиву таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диссертант барои расидан ба ҳадаф аз асосҳои назарияҳои нусхашиносӣ бардошт намуда, ба хулосаҳои дақиқ расидааст.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқу таъини мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо бахшида шуда, шомили ду фасл аст. Дар фаслҳои боби мазкур масоили марбут ба мазмуну мундариҷаи ашъори суханвар ва вежагиҳои бадеии осори ӯ ба таҳқиқ расидаанд. Фаслҳо дар навбати худ ба зерфаслҳо тақсим шуда, масъалаҳои мазмуну муҳтавои ашъори шоир ва хусусиятҳои бадеии он амиқ баррасӣ ва таҳлил ёфтаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 5, 8, 9, 15, 16 ва 33 хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд, мисли афузун, таркибанд ва ғайра.

2. Дар саҳифаҳои 6, 24, 25, 27 ва ғайра ба хатоҳои китобӣ роҳ дода шудааст, монанди 50 солагӣ, асри XIX-ибтидои ва ҳоказо.

3. Муъҷазтар намудани қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» ба мақсад мувофиқ аст.

Ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, ба арзиши автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва зуд ислоҳпазиранд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ӯрунова М.Р.
25-уми майи соли 2026.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 52
Тел.: (+992) 92-736-02-51.
E-mail: umavchuda@mail.ru

Имзои М.Р.Ӯруноваро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и МДТ-и
«ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992-3422) 6-52-73; (+992) 117070700.
E-mail: rector@hgu.tj
«25»-уми майи соли 2026